**Протоколи №12-и**

чаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-122-и

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 22-юми сентябри соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

**Раиси шуро**: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №84/шд тасдиқгардида 15 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи **Эҳсон Хуршед Рӯзибой** дар мавзуи **«Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Б. Мақсудзода. ва аъзои комиссия М. Нарзиқул, А. Маҳмадаминов оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳоднамудаи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Нурзод Нуралӣ Нор** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

– **Аминӣ Алишер Файзулло** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 26.11.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳмонзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.